ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079

назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи

А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 11 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (роҳбари илмӣ – Нуриддин Парвин Раймалихон – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент) ва шунидани тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ Назарзода Пиралӣ Сафар, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳусайн Кабут, баромади муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар, доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович, доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, доктори илмҳои фалсафа Худодйдодзода Фаррух Бегиҷон, инчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи шуро оид ба диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар бораи асоснок будан, навоварӣ доштан, мубрамӣ ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамзамон оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда Шурои диссертатсионии 6D.КОА–079

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Корҳои илмии чопнамудаи довталаб, ки натиҷаи асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шаванд.

3. Исроилов Исмоил Исроилович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ сазовор дониста шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба Исроилов Исмоил Исроилович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам, нафароне, ки ба ин қарори шурои диссертатсионӣ тарафдоранд, мавқеи худро муайян намоянд. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода С. З.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.

11.10.2025